# ТАВЗЕҲНОМА

## ба лоиҳаи “Тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)”

Лоиҳаи “Тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” бо назардошти талаботи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” бо мақсади ҷойгиркунии самаранок ва мақсадноки маблағҳои захираҳои суғуртавӣ ҷиҳати таъмини устувории молиявӣ, пардохтпазирӣ ва иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ вобаста ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар назди суғурташавандагон, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Бо мақсади мустаҳкам намудани пойгоҳи молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва баланд бардоштани сатҳи пардохтпазирии онҳо, инчунин дар ин замина афзун намудани эътимоди аҳолӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), зарурати таҳия намудани лоиҳаи тартиби мазкур ба миён омадааст. Ба ғайр аз ин, қабули лоиҳаи тартиби мазкур барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) замина фароҳам меорад, ки онҳо маблағҳои муваққатан озоди худро ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар сармоягузорӣ ва ҷойгир намоянд.

Мақсади асосии лоиҳаи тартиби мазкур аз инҳо иборат мебошад:

- таъмини иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ;
- тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба дороиҳои пардохтпазир;

- пурзӯр намудани назорат аз рӯи фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо мақсади саривақт иҷро гардидани уҳдадориҳои ба зиммагирифташудаи онҳо;

Қабули тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб наменамояд ва татбиқи амалии он минбаъд дар рушди низоми суғуртаи ҷумҳурӣ аз манфиат холӣ набуда, ба пешрафти иқтисодиёти мамлакат таъсири мусбӣ мерасонад. Ҳамчунин, қабули тартиби мазкур шароит фароҳам меорад, ки хавфи пардохтнопазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) кам гардида, боиси зиёд шудани боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва аз байн рафтани ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқу манфиатҳои суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон гардад.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр, қабули лоиҳаи тартиби мазкурро ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Бо эҳтиром,

Раис Холиқзода Ҳ. Ҳ.